**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи аспиранти ғоибонаи кафедраи бемориҳои дарунии №1 МДТ ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи: «Арзёбии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактерҳои пилори дар бемориҳои меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.04-бемориҳои дарунӣ**

Дар клиникаи муосири бемориҳои дарунӣ нуқтаи назар доир ба зиёд паҳншавии решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта дар байни аҳолии Осиёи Миёна дар муқоиса бо аҳолии Аврупо маъмул аст. Хусусиятҳои иқлимӣ-географӣ, ғизо ва умуман тарзи ҳаёт фарқ мекунад. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон проблемаи решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта аз проблемаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад, зеро басомади паҳншавии он густурда аст, аломатҳои клиникӣ-эндоскопии он, басомади шаклҳои хеликобактер, вобастаи беморӣ, усулҳои ягонаи табобати он то ҳол омӯхта нашудааст. Пас, кори диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами гастроэнтерология бахшида шуда, муосир ба ҳисоб меравад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳо мушаххас нишон дода шудаанд. Муаллиф пай дар пай ва дар ҳаҷми зарурӣ нуктаҳо, аҳамияти амалӣ, натиҷаҳо, навгонии илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро баён кардааст. Натиҷаҳои аз таҳқиқоти анҷомдодашуда моҳияти кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Муаллиф бори нахуст дар асоси таҳқиқотҳои клиникӣ, эндоскопӣ, бактериологии миқдори зиёди беморон вижагиҳои симптоматологияи клиникиро муқаррар кардааст. Аломатҳои эндоскопии осебҳои решӣ, басомади хеликобактер шакли муштараки решмарази меъда ва рӯдаи 12-

ангушта дар аҳолии маҳаллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пешниҳод гардид. Симптоматологияи махсуси классикӣ, шаклҳои решмарази меъда ва рӯдаи 12-ангушта, ки синдромҳои возеҳи дард ва басомади ихтилолҳои диспептикӣ нишон дода шуд. Аз ҷиҳати эндоскопӣ ошкор шудани осебҳои реши «тоқа», «бисёр», ва баъзан шаклҳои нохуби реши «пептикӣ», «гирд» ба қайд гирифта шуданд. Решмараз бештар дар заминаи гастрити музмин, гастродуоденит, бемории гастроэзофагеалии рефлюксӣ бо рефлюкс эзофагит ҷараён пайдо мекунад. Схемаи табобати секаратаи Мастрихтики беҳтар шуморида мешавад, вай имконият медиҳад, ки эрадикатсияи пурра ва шифоёбии осеби решдор дар миқдори зиёди беморони таҳқиқшуда ба даст оварда шавад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Хайриддин Ҳоҷӣ Рамазон дар мавзӯи: «Арзёбии клиникӣ-эндоскопӣ ва басомади хеликобактерҳои пилори дар беморихои меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта дар аҳолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», аз лиҳози навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти амалӣ ва назарӣ, ҳаҷми таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, усулҳои таҳқиқот ба талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ ва барои диссертатсияҳои номзадӣ пешбинӣ шудааст, пурра ҷавобгӯ ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси 14.01.04 – беморихои дарунӣ арзанда мебошад.

**Мудири кафедраи таълими асосҳои беморихои дарунии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, д.и.т.** **Ё.У. Саидов**

ИМЗОИ Ё.У. Саидов ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ
Мудири шӯъбаи кадрҳо
«04» 06 2019с

**Иттилоот барои тамос:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».
**Суроғаи муассиса:** 734003, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 139.
**Тел/факс:** +992(37)2244583, 6003629, 2243687. **E-mail:** info@tajmedun.tj